«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
профессор Насриддинзода Э.С.
_______________________________
«___» ______________ соли 2025

# ХУЛОСАИ
# ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

Диссертатсияи Салимзода Муҳайё Абдусалим дар мавзуи **«Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX»** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ дар кафедраи таърихи адабиёти факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба анҷом расидааст.

**Салимзода Муҳайё Абдусалим** соли 2019 факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистонро бо ихтисоси мероси хаттӣ хатм карда, аз соли 2019 то ин замон ба ҳайси мудири толори профессор Шарифҷон Ҳусейнзода ба фаъолият дорад. Номбурда бо фармоиши ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 07. 01. 2021 ба ҳайси унвонҷӯйи кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филология қабул шудааст.

Мавзуи диссертатсияи Салимзода Муҳайё Абдусалим дар шурои олимони факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 09. 02. 2021, қарори №6 тасдиқ шудааст.

Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ба Салимзода М. А. Аз 14. 10. 2025, таҳти № 79 дар бораи супоридани имтиҳонҳои номзадӣ маълумотнома додааст.

Роҳбари илмӣ: Мисбоҳиддини Нарзиқул – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Таҳқиқи зиндагинома ва мероси адабии адибони давраҳои гуногуни таърихӣ, мазмун ва хусусиятҳои бадеии ашъори онҳо дар таъйини ҷойгоҳи адибон дар ин ё он доираи адабӣ мусоидат менамояд. Мабоҳиси алоқаманд ба масъалаҳои мазкур дар муайян кардани вазъи адабию фарҳангӣ дар ҳамон марҳалаи таърихие, ки доираи адабӣ фаъол буд, инчунин, таҳаввули сабк ва ҷараёнҳои адабӣ дорои аҳаммияти назарию амалӣ мебошад. Хусусиятҳои муҳити адабии дар давраҳои гуногуни таърихӣ амалкунанда дар натиҷаи омӯзиши зарурии чунин масъалаҳо муайян мегардад.

Аз ин рӯ, дар таърихи адабиёти тоҷик нимаи дуюми асри XIX ва ибтидои асри XX яке аз даврахои бисёр муҳимми адабӣ ба ҳисоб меравад. Дар даврони мазкур рухдоду тағйироти зиёде дар ҳаёти иҷтимоию сиёсии замон ба вуқуъ пайваст. Бо огоҳию дирояти адибони маъруфи ин марҳалаи таърихӣ дар ҳаёти адабӣ дигаргуниҳои сифатан нав рух дода, боиси ба вуҷуд омадани сабки ҷадиди адабӣ гардид, ки ин ҳолат, пеш аз ҳама, аз равиши эҷодии Аҳмад Махдуми Дониш сарчашма мегирад. Абдулқодирхоҷаи Савдо яке аз шоирони хушзавқи замон буда, бо офаридани осори гаронбаҳо ва тарғиби андешаҳои пешқадам дар рушд ва такомули адабиёти давр саҳми сазовор гузоштааст. Ӯ аслан шоири ғазалсарост, аммо дар таҳаввули навъҳои адабии дигар, ба мисли маснавӣ, қасида, қитъа, рубоӣ ва каломи мансур низ саҳми муносиб дорад. Дар ҳақиқат, ба вуҷуд овардани зиндагиномаи илмии Савдо, муайян кардани мероси адабӣ, таъйини қимати адабии “Баёз”-и ӯ ва мақоми шоир дар доираи адабии нимаи дуюми асри XIX Бухоро, ки дар ин диссертатсия ба таҳқиқи онҳо пардохта шудааст, аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми ҳалталаб дар адабиётшиносии тоҷик ба ҳисоб меравад.

Мавзуи таҳқиқ аз он ҷиҳат мубрам аст, ки то кунун оид ба мақоми Абдулқодирхоҷаи Савдо дар адабиёти нимаи дуюми асри XIX форсу тоҷик пажӯҳиши яклухт сурат нагирифтааст. Абдулқодирхоҷа Савдо чун ҳамаи шуарои муосири ӯ дар заминаи нодиртарин мактаби адабӣ-ҳунарии эҷодӣ ва беқиёси суннатӣ ба воя расидааст. Равиши умумии эҷодии ӯ, дар умум, хусусияти фардӣ-индивидуалӣ дошта, хосси худи шоир аст. Ҷанбаи мавзуии ашъори шоир ва ҳунари дарунмоясозии адиб низ **махсуси сабки баёни худи Абдулқодирхоҷаи Савдо** ба шумор меравад. Қабл аз ҳама, **шеваҳои ҳунарии калом** дар ашъори Савдо, дар қолаби ғазал намудор мегардад, зеро дар эҷодиёти ӯ жанри мазкур мавқеи махсусро доро буда, бозгӯйи муносибати адиб бо муҳит ва ҷомеа низ маҳсуб меёбад.

Осори маҳфузмондаи Савдо аз назари мазмун ва мундариҷа пурғановат буда, аз ҷиҳати шеваи эҷодӣ ғолибан ҳунармандонаанд. Як хусусияти муҳимми диссертатсияи мазкур дар он аст, ки мавзуъҳои асосии ашъори Савдо, ки аз ишқ, ҳаҷву мутоиба, ҳасби ҳол ва мавзуъҳои иҷтимоӣ иборатанд, ҷудогона мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.

Пажуҳиши рӯзгор ва мероси адабии Абдулқодирхоҷаи Савдо, ки аз ҷумлаи намояндагони номдори ҳавзаи адабии Бухоро ба шумор меравад ва яке аз шоирони соҳибтабъ шинохта шудааст, барои муайян кардани таҳаввули адабиёт дар даврахои баъдина **аз аҳаммияти хосса** бархурдор аст. Ҳалли масъалаҳои фавқуззикр **ҳам дар ҳавзаи адабпажуҳӣ ва ҳам хусусиятҳои адабӣ актуалӣ** буда, тасаввуроти умумӣ дар бораи густариши адабиёт дар марҳалаҳои муайяни таърихӣ дар сурате комил мешавад, ки **ҳаёту эҷодиёт,**

**ҷанбаҳои ҳунарию зебоишинохтӣ ва мухтассот**и ашъори намояндагони бузурги он ҳамаҷониба ба риштаи таҳқиқ кашида шавад.

Аз ин рӯ, таваҷҷуҳ ба ҳаёту эҷодиёти Абдулқодирхоҷаи Савдо дар адабиётшиносии тоҷик бо такя ба **равишҳои ҷадиди пажуҳишӣ** иқдоми саривақтӣ ва аз ҷиҳати **назарию амалӣ арзишманд** мебошад.

Дар диссертатсия бори нахуст масъалаи Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX ва мероси адабии ӯ дар доираи меъёрҳои таҳқиқии даврони охир ба таври густарда мавриди баррасии илмӣ қарор гирифтааст ва ҳалу фасли масъалаҳои зерин аз ҳадафҳои меҳварии таҳқиқ ба шумор меравcovand:

– таҳқиқи ахбори муаллифони тазкираҳо, дигар сарчашмаҳои адабӣ ва маълумоти муҳаққиқони муосир дар ростои масъалаи ба миён овардани зиндагиномаи илмии Абдулқодирхоҷаи Савдо;

– муайян намудани басомади зикри шеърҳои Савдо дар тазкираҳои охири асри XIX-ибтидои асри XX ва дигар сарчашмаҳои адабию таърихӣ;

– баррасии сохтори жанрии ашъори Савдо ва табақабандии онҳо ба анвои адабии лирикӣ: ғазал, қасида, рубоӣ, қитъа ва дигар анвои шеърӣ;

– баррасии асарҳои мансури адиб аз назари сохтори жанрӣ ва муҳтавоӣ;

– таҳқиқи “Баёз”-и Савдо аз ҷиҳати хусусиятҳои китобшиносӣ, нусхашиносӣ ва сохту таркиб;

– муайян кардани арзиши “Баёз”-и Абдулқодирхоҷаи Савдо ҳамчун сарчашмаи адабӣ;

– баррасии ашъори Савдо аз ҷиҳати мазмун ва мундариҷа;

– таҳқиқи хусусиятҳои бадеии ашъори Савдо;

– таҳқиқи вежагиҳои асосии забон ва сабки баён дар ашъори шоир;

– муайян намудани ҳунари шоирӣ ва баррасии воситаҳои асосии тасвири бадеӣ;

– муайян кардани вазн, қофия ва радиф дар ашъори Абдулқодирхоҷаи Савдо.

Мавзуи «Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX» ба доираи мавзуъ ва масъалаҳои таҳқиқии шиносномаи ихтисоси илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ, хусусан, банди 7-уми шиносномаи мазкур **мувофиқат мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқро** зимни пажуҳиш дар самтҳои дигар, аз ҷумла таърих, фалсафа, этикаю эстетика, забоншиносӣ, матншиносию нусхашиносӣ ва ғайра **татбиқ кардан мумкин аст.**

**Мавзуи диссертатсия** ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26-уми сентябри соли 2020, №503

тасдиқ шудааст, **мутобиқат дорад.** Илова бар ин, ба маводди диссертатсия зимни таҳқиқи мавзуъ ва масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёти тоҷик, адабиёти ҷаҳон, матншиносӣ ва нусхашиносӣ метавон такя кард.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар таҳқиқи масъалаҳои асосию фаръии диссертатсия бо он мушаххас мешавад, ки самтҳои асосии таҳқиқ бо маслиҳату машварати устоди роҳнамо пешниҳод гардида, фарзияҳои таҳқиқ муайяну асоснок шудаанд. Муаллифи диссертатсия доир ба зиндагинома, мероси адабӣ, анвои шеърӣ, мухтассоти "Баёз"-и адиб, мазмун ва хусусиятҳои бадеии шеърҳои шоир ақидаи шахсӣ ва андешаҳои илмиашро асосноку мудаллал баён намудааст. Таълифоти муаллифи диссертатсия ва силсилаи мақолаҳои ба табъ расонидаи ӯ фарогири натиҷаҳои асосии таҳқиқ буда, саҳми фардиаш дар ҳалли масъалаҳои мавриди таҳқиқ ба шумор меравад.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқ.** Доир ба муҳтавои асосии диссертатсия ва хулосаҳои таҳқиқ муаллиф дар конфронсҳои байналмилалӣ (2021), ҷумҳуриявӣ (2025) ва донишгоҳӣ (2021-2025) маърузаҳо хондааст. Бахшҳои асосии диссертатсия дар ҷаласаҳои кафедраи таърихи адабиёти тоҷики Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳоду баррасӣ шудаанд.

Ба сифати **сарчашмаҳои таҳқиқ,** пеш аз ҳама, аз асарҳои Абдулқодирхоҷаи Савдо, "Баёз"-и Савдо, ки таҳти рақами 279 дар китобхонаи АИ Ӯзбекистон ба номи Абурайҳони Берунӣ нигаҳдорӣ мешавад (ин баёз ҳам дар шакли электронӣ ва ҳам аксӣ дар дасти унвонҷӯ қарор дорад) истифода шудааст. Инчунин, "Баёз"-и Муҳаммадшарифи Бухороӣ – шоири ҳамзамони Савдо, "Баёз"-и рақами 2293 захираи дастнависҳои Маркази мероси хаттии АМИТ, тазкираҳо ва асарҳои адабию таърихии охири асри XIX ва ибтидои асри XX истифода шудааст. Манбаъҳои ёвар асарҳои илмӣ-таҳқиқие мебошанд, ки аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик ва хориҷӣ оид ба адабиёти тоҷик дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX таълиф шуда, дар онҳо аз Абдулқодирхоҷаи Савдо ёд ва перомуни ҳаёту эҷодиёти ӯ ишораҳо ҷой доранд.

**Асосҳои назарӣ ва методологии** таҳқиқ бо он мушаххас мешавад, ки дар таълифи диссертатсия аз таҷрибаи таҳқиқии муҳаққиқони ватанию хориҷӣ, ба монанди, ба монанди С. Айнӣ, А. М. Мирзоев, Х. Мирзозода, Р. Ҳодизода, У. Каримов, А. Абибов, Н. Сайфиев, Т. Неъматзода, Х. Шарифов, Р. Мусулмониён, С. Амирқулов, У. Тоиров, Х. Асозода, М. Солеҳов, М. Мирзоюнус, Б. Мақсудзода, М. Нарзиқул, М. З. Низомӣ, И. С. Брагинский, М. М. Бахтин, А. Н. Веселовский, С. Н. Зенкин, Ю. М. Лотман, А. Ҳ. Обидӣ, П. Н. Хонларӣ, Ш. Кадканӣ, С. Нафисӣ, С. Шамисо ва дигарон ба таври васеъ истифода ва истинод шудааст.

Диссертатсия дар асоси методҳои муқоисавӣ-таърихӣ, тавсифӣ-таҳлилӣ, таҳқиқӣ-қиёсӣ, таҳлилӣ-оморӣ, матншиносӣ, консепсияи таҳлили забону услуби асари бадеӣ, таҳқиқи типологии жанрҳо ва сохтори осори адабӣ навишта шудааст.

**Навоварии диссертатсия.** Диссертатсия аввалин таҳқиқи фарогири монографӣ дар адабиётшиносии тоҷик ва берун аз он мебошад, ки дар мавзуи "Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX" таълиф шудааст. Дар он масъалаҳои зиндагиномаи илмӣ ва мероси адабии Абдулқодирхоҷаи Савдо, хусусиятҳои китобшиносию нусхашиносии "Баёз"-и Савдо ва арзиши адабии он ҳамчун сарчашмаи адабӣ, мазмун ва хусусиятҳои бадеии ашъори шоир мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, ки баҳсҳои аслии таҳқиқро ташкил медиҳанд. Муаллиф "Баёз"-и шоирро бо хусусиятҳои китобшиносӣ, ҷузъиёти нусхашиносӣ, сохту таркиб, аҳаммияти баёз ҳамчун сарчашмаи адабӣ, намояндагони муҳити адабии рӯзгори шоир дар ин баёз ба таври васеъ омӯхта, хулосаҳои илмии хешро манзури муҳаққиқон кардааст.

Дар диссертатсия бори нахуст ба таври низомманд ба масъалаҳои алоқаманд ба **мазмуну мундариҷа, хусусиятҳои бадеӣ, воситаҳои асосии тасвири бадеӣ, ҳунари шоирӣ, вазн, ихтиёроти шоирӣ, қофия ва радиф** диққати асосӣ дода шуда, бо фарогирии шеърҳои Савдо **вежагиҳои забон, сабки баён, ҳунари шоирӣ ва маҳорати эҷодии ӯ** таҳқиқ шудааст.

Ҳамаи масъалаҳои аслию фаръии дар диссертатсия таҳқиқшуда муҳимму зарурӣ ва **дорои арзиши илмии вежа** буда, аз аҳаммияти **назарӣ ва амалӣ** бархурдоранд.

**Аҳамияти назарӣ ва амалии** диссертатсияи номзадии Салимзода Муҳайё Абдусалим дар он зоҳир мегардад, ки коркардҳои назарии дар диссертатсия матраҳгардида, мабоҳиси фарогирифта дар ҷузъҳои таркибии диссертатсия, усулҳои баррасии истифодашуда дар таҳқиқи масъалаҳо паҳнои таҳқиқ ва равишҳои назарии илми адабиётшиносии тоҷикро дар таҳқиқи минбаъдаи масъалаҳои дигари эҷодиёти Савдо, асарҳои манзуму мансури адибони ҳамаҳди шоир, хусусиятҳои жанрию муҳтавоӣ, вежагиҳои ҳунарии осори манзум ва масъалаҳои забон, сабк, ҳунари шоирӣ густариш дода, дар такмили назари таҳқиқӣ оид ба осори бадеӣ дар коргоҳи адабию маърифатии шоирони ҳамаҳди Савдо саҳми муносиб хоҳад гузошт.

Натиҷаву хулосаҳои илмии ҳосилшуда дар диссертатсия дар амалияи илми адабиётшиносии тоҷик ҳангоми пажӯҳиши масъалаҳои алоқаманд ба барқарорсозии зиндагиномаи илмии адибон, табақабандии жанрии шеърҳо, таҳқиқи хусусиятҳои китобшиносӣ ва нусхашиносии баёзҳо ва дигар осори хаттӣ, мазмун ва хусусиятҳои бадеии ашъори шоирон арзиши муҳим доранд.

Маводди фароҳамомада дар диссертатсия ва хулосаву пешниҳодҳои муаллифро дар вақти навиштани мақола, таълифи монография, навиштани китобҳои дарсӣ, таълифи воситаҳои таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо ва мактабҳои миёна, омода кардани курси лексияҳо аз таърихи адабиёти форсу тоҷик, таҳқиқи паҳлуҳои омӯхтанашудаи эҷодиёти Абдулқодирхоҷаи Савдо ва таъйини ҷойгоҳи адабии шоирони дигар мавриди истифода қарор додан мумкин аст.

**Мундариҷа ва муҳтавои асосии диссертатсияи** Салимзода Муҳайё Абдусалим дар 5 мақолаи илмӣ, аз ҷумла **3 мақола** дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд, ки теъдод ва муҳтавои онҳо ба талаботи таълиф ва таҳияи автореферат ва диссертатсияҳо барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ мебошанд. Мақолаҳои дар маҷаллаҳои тақризшаванда банашррасида ба мавзуи таҳқиқӣ иртиботи бевосита дошта, **муҳтавои асосии диссертатсия ва авторефератро инъикос менамоянд.**

**I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М]. Бозорова, М. А. Садриддин Айнӣ дар бораи Абдулқодирхоҷаи Савдо ва эҷодиёти ӯ [Матн] / М. А. Бозорова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2024. – № 10. – С. 306-312.

[2-М]. Бозорова, М. А. Тавсифи кодикологии “Баёз”-и Абдулқодирхоҷаи Савдо [Матн] / М. А. Бозорова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2025. – № 3. – С. 240-246.

[3-М]. Нарзиқул, М., Бозорова, М. А. Шеърҳои Савдо дар тазкираҳои охири асри XIX ва ибтидои асри XX [Матн] / М. Нарзиқул, М. А. Бозорова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2025. – № 4. – С. 164-174.

**II. Дар маҷмуа ва нашриёҳои дигари илмӣ:**

[4-М]. Бозорова, М. Авзони ғазалиёти Абдулқодирхоҷаи Савдо [Матн] / М. Бозорова // Маводи ҳамоиши байналмилалии «Вазни арӯз ва таҳаввули он дар шеъри форсии тоҷикӣ» бахшида ба 80-солагии доктори илмҳои филологӣ, профессор Урватулло Тоиров (Душанбе, 10-уми майи соли 2022). – Душанбе: ҶДММ Нӯшбод, 2022. – С. 217-223.

[5-М]. Бозорова, М. Хусусиятҳои китобшиносӣ ва нусхашиносии “Баёз”-и Савдо [Матн] / М. Бозорова // Масъалаҳои муҳимми ҳифзу таҳқиқи

мероси хаттии Тоҷикистон : маводди конференсияи илмӣ-назариявӣ бахшида ба 80-солагии Сайиднуриддин Шаҳобуддинов; мураттиб Сайидхоҷа Ализода. – Душанбе, 2025. – 224 с. – С. 205-220.

Ҷаласа қарор кард:

1. Диссертатсияи Салимзода Муҳайё Абдусалим дар мавзуи «Абдулқодирхоҷаи Савдо ва ҷойгоҳи ӯ дар доираи адабии Бухорои нимаи дуюми асри XIX» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ кори анҷомёфтаи илмӣ ҳисобида шавад.
2. Диссертатсияи Салимзода М. А. барои дарёфти дараҷаи илмии дархостшаванда бо назардошти ислоҳи эродҳои дар ҷаласа баёншуда барои ҳимоя дар шурои диссертатсионии 6D. КОА – 02-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи таърихи адабиёти тоҷики факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон қабул гардид.

Иштирок дошт: 13 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 13 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори № 4 аз 17. 10. 2025.

**Раиси ҷаласа:**
и.в. мудири кафедраи таърихи адабиёти тоҷик,
номзади илмҳои филологӣ, дотсент Наботӣ Р.

**Котиби илмӣ:**
номзади илмҳои филологӣ, дотсенти
кафедраи таърихи адабиёти тоҷик Собирзода Ҳ. Ю

Имзоҳои Р. Наботӣ
ва Ҳ. Ю. Собирзодаро тасдиқ мекунам:
сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Шодихонзода Э.Ш.

Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Телефон: (+992-37) 221-62-25; факс: 227-15-10.
E-mail: info@tnu.tj.
«20» октябри соли 2025.